/

**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026 НАЗДИ МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК Б.ҒАФУРОВ" АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ**

**ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ №____________**
*Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 15.04.2023с. № 11*

**ДАР БОРАИ БА ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАДОБОЕВА МУСЛИМА БАХТИЁРОВНА ДОДАНИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 13.00.01 – ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ, ТАЪРИХИ ПЕДАГОГИКА ВА ТАҲСИЛОТ (ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ)**

Диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)», дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) бо қарори № 10 аз 17-уми январи соли 2023, аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700,ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Дадобоева Муслима Бахтиёровна соли 2013 факултети биология ва химияи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"-ро бо ихтисоси муаллимаи фанни биология ва соли 2015 магистратураро бо ихтисоси биология хатм намудааст. Дар давраи омодагӣ ба таълифи диссертатсия Дадобоева М.Б. ба сифати муаллимаи кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳои факултети биология ва химия ва унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" фаъолият бурдааст.

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** - Шаропов Шавкат Аҳмадович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**Муқарризони расмӣ:**

**Холназаров Санг** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Сайдаҳмадзода Дилором** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, директори Маркази омӯзиши "Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон" Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, аз 1-уми марти соли 2023 (суратмаҷлиси №08/1), ки онро ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло тасдиқ кардааст, ба диссертатсия баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, қайд

намудааст, ки дар умум, омӯзиш ва таҳлили диссертатсия гувоҳӣ медиҳад, ки ҷанбаи илмии рисола қавӣ буда, рисола бо забони хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки унвонҷӯй дар атрофи мавзӯи интихобнамудааш аз оғози таҳқиқот то охир ҷиддан таҳлили кори илмӣ бурдааст. Дар таҳқиқоти Дадобоева М.Б. моҳияти фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ дақиқ гардида, асосҳои назариявии он ошкор шудаанд, ҳамбастагии байни фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ ва инкишофи соҳаи арзишӣ-ангезишии шахсияти мактаббача муқаррар гардидааст, ки он барои тасаввуроти назариявии васеътар оид ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ замина фароҳам овардааст; маҷмӯи мувофиқи шартҳои педагогие пешниҳод ва асоснок шудаанд, ки маҳсулнокии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагонро дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ таъмин менамоянд, ки барои коркарди назария ва методикаи таълими фанҳои биологӣ дар мактаб хеле арзишманд аст. Мӯҳтаво ва мундаричаи асосии диссертатсия дар 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба қайд гирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

Дар хулосаи тақризи муассисаи пешбар қайд шудааст, ки диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор аст.

***Таълифоти арзишманди муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ чоп шудаанд:***

[1-М] **Дадобоева М.Б.** Фаъолгардонии раванди маърифатии хонандагон дар дарсҳои биология. Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. .№2(34), 2021.-С.137-142. ISSN 2617-5620

[2-М] **Дадобоева М.Б.** Истифодаи усулҳои фаъолгардонии раванди маърифатии хонандагон дар таҷрибаи дарсҳои биология. Номаи ДДХ №3(68), 2021.-С.175-179.ISSN 2077-4990.

[3-М] **Дадобоева М.Б.,** Имомова М.А. «Педагогические концепции о сущности понятий «познавательная деятельность» и «активизация познавательной деятельности» в психолого-педагогических исследованиях. Вестник ТНУ.2022. №1. -С.246-253. ISSN 2074-1847.

[4-М] **Дадобоева М.Б.** Некоторые аспекты активизации познавательной деятельности учащихся на основе аксиологического подхода при обучении биологическим дисциплинам. Вестник ТНУ.2022. №2. -С.233-240. ISSN 2074-1847.

[5-М] **Дадобоева М.Б.** Педагогическое проектирование познавательной деятельности учащихся при обучении биологическим дисциплинам на основе аксиологического подхода. Вестник ТНУ. 2022. №3. -С.257-264. ISSN 2074-1847.

[6-М] **Дадобоева М.Б.,** Шаропов Ш.А. Особенности аксиологического подхода к активизации познавательной деятельности учащихся при обучении биологическим дисциплинам. Вестник Научно-исследовательского института им.А.Джами. 2022. №1(37). -С.136-141.

[7-М] **Дадобоева М.Б.** Активизация познавательной деятельности учащихся средствами аксиологического подхода на уроках биологии. Материалы республиканской научно-практической конференции: «Инновационный подход к организации процесса

обучения в условиях реализации новых стандартов». Худжанд (3.06.2021г.). -Худжанд: Нури маърифат.2021.-С.184-188.

[8-М] **Дадобоева М.Б.** Содержательный аспект совершенствования познавательной деятельности учащихся в современных условиях. Научно-методический журнал «Современные вопросы педагогики» Научно-исследовательского института педагогических наук ГОУ «ХГУ им.акад.Б.Гафурова». 2021.№1. -С.93-100.

[9-М] **Дадобоева М.Б.** О некоторых факторах развития познавательного интереса учащихся к биологическим предметам. Республиканская научно-практическая конференция посвящённое изучению и развитию естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования 2020-2040 гг. на тему: «Актуальные проблемы естественных, точных и математических наук в развитии промышленности страны». Республика Таджикистан, Согдийская обл., г.Бустон.2022. «26» февраля 2022г. -С.142-148.

[10-М] **Дадобоева М.Б.** Фаъолгардонии раванди маърифати мактаббачагон тавассути чорабиниҳои беруназсинфӣ. Маводҳои Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ: «Дурнамои рушди таҳсилоти олӣ дар замони ҷаҳонишавӣ». Хуҷанд. МДТ «ДДХ ба номи ак.Б.Гафуров». 28-29 октябри с.2022. -С.140-144.

***Ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:***

Тақризи 1. **Лутфуллозода Маҳмадулло** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тақриз мусбӣ буда, эрод надорад.

Тақризи 2. **Шомуродзода Ҳасанҷони Рузибобо** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода. Тақриз мусбӣ буда, эрод надорад.

Тақризи 3. **Каримзода Мирзо Бадал** - доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тақриз мусбӣ буда, эрод надорад.

Тақризи 4. **Ахророва Гулчехра Усмоновна** -номзади илмҳои филологӣ, муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонони Донишкадаи иктисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тақриз мусбӣ буда, эрод надорад.

Тақризи 5. **Максудов Зафарҷон Очилдиевич** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омузгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент. Тақриз мусбӣ буда, эрод надорад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳод намуда қайд мекунанд, ки масъалаи таҳқиқшаванда муҳим ва арзишманд буда, чунин меҳисобанд, ки диссертатсияи Дадобоева М.Б. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

***Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар*** дар асоси карори Шурои диссертатсионии 6D. КОА-026, аз 17-уми январи соли 2023, №10, тибқи талаботи бандҳои 31-33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, асоснок гардидааст.

***Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ корҳои зерин анҷом дода шудаанд:***

- вижагиҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ муайян карда шудаанд;

-тавсифи коркарди технологияи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ дода шудааст;

-шартҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими

фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ муайян карда шудаанд;

-нишондиҳандаҳо ва тавсифи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ таҳия гардидааст ;

-мундарича ва технологияи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ коркардшуда, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронида шудааст.

***Асосҳои методологии таҳқиқотро*** мукарраротн фалсафӣ дар бораи моҳияти шахсият, робитаи диалектикии раванди маърифат ва фаъолияти фаъолонаи инсон дар маърифатнокӣ; таълимот оид ба моҳияти психологии шавқи маърифатӣ, нақши пешбари фаъолият дар ташаккули шахсият; муқаррарот дар бораи ягонагии диалектикии назария ва амалия; консепсияҳои психологию педагогӣ оид ба маърифатнокӣ ва маҳорати методии омӯзгор ташкил медиҳанд.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот*** аз он иборат аст, ки дар таҳқиқот моҳияти фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ дақиқ гардида, асосҳои назариявии он ошкор шуданд, ҳамбастагии байни фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ ва инкишофи соҳаи арзишӣ-ангезишии шахсияти мактаббача муқаррар гардид, ки ҳамаи ин барои тасаввуроти назариявии васеътар оид ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ замина фароҳам овард; маҷмӯи мувофиқи шартҳои педагогие пешниҳод ва асоснок шуд, ки маҳсулнокии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагонро дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ таъмин менамоянд, ки барои коркарди назария ва методикаи таълими фанҳои биологӣ дар мактаб муҳим аст.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот*** *дар нуктаҳои зерин инъикос ёфтаанд:*

- амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ коркард ва ҷорӣ гардид;

- таъсири технологияҳои педагогӣ ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ аз санҷиш гузаронида шуд;

- тавсияҳои методӣ оид ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ мураттаб гардида, интишор ёфтанд;

- анкета ва тестҳое таҳия ва санҷида шуданд, ки барои баҳодиҳии сатҳи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ имкон медиҳанд.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот бо нуктаҳои зайл муайян карда шудаанд:***

мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ» дақиқ гардида, аз ҷиҳати мундариҷа пурра гардидааст;

- амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ коркард шудааст;

- гурӯҳҳои асосии тарзу воситаҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ муқаррар гардидаанд;

- шартҳои педагогие асоснок шуданд, ки ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ мусоидат мекунанд;

-технологияи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими

фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ коркард шудааст;

- имконияти педагогӣ ва меъёрҳое муқаррар шуданд, ки ба самаранокии амсилаи пешниҳодшудаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ мусоидат мекунанд.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот*** ба он асос меёбад, ки ҳамбастагии мақсаду вазифаҳои пешгузошташуда, методҳои истифодашудаи таҳқиқот имкон доданд, ки натиҷаҳои асосноки воқеии тавассути санҷиши озмоишии фарзия ва таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати педагог ба даст оварда шавад.

***Саҳми шахсии муаллиф*** дар иштироки бевосита дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, таҳлил ва муназзам гардонидан ва коркарди маълумоти озмоиш, омода ва интишор намудани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ба даст омада ва таҳияи диссертатсия ифода меёбад.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 10 нафар, аз онҳо 6 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ 10 нафар,

муқобили додани дараҷаи илмӣ 0 (нест) нафар,

бюллетенҳои беэътибор нест нафар,

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 15-уми апрели соли 2023 ба чунин қарор омад, ки диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)», кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва ба довталаб Дадобоева Муслима Бахтиёровна дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Раиси Шурои диссертатсионии**
**6D.КОА-026, доктори илмҳои**
**педагогӣ, профессор** **Сабурӣ Х.М.**

**Котиби илмии Шурои**
**диссертатсионии 6D.КОА-026**
**доктори илмҳои филологӣ, дотсент** **Ҳамробоев Н.А.**

**15.04.2023с.**